# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Дастурамали №176 "Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ"

Лоиҳаи тағйиру иловаҳои мазкур мутобиқи моддаҳои 56 ва 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ", инчунин ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми хеш санаи 26.01.с.2021 баён доштанд, бо мақсади пурзӯр намудани заминаи сармоявии бонкҳо, баланд бардоштани рақобатнокии бонкҳои амалкунанда ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба онҳо таҳия шудааст.

Бонки миллии Тоҷикистон талаботро оиди давра ба давра дар давоми 5 соли минбаъда то ба маблағи 100 миллион сомонӣ расидани андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис ва меъёри нави кифоятии сармояи асосиро барои ташкилотҳои қарзии амалкунанда муқаррар мекунад.

Бояд қайд намуд, ки талабот нисбат ба сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис аз 3 млн. доллари ИМА дар соли 2005 ба маблағи 50 млн. сомонӣ тақрибан ба 11 млн. доллари ИМА баробар дар соли 2009 зиёд карда шуда буд. Бо назардошти беқурбшавии пули милли нисбат ба доллари ИМА айни ҳол талаботи андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ тақрибан ба 4,4 млн. доллари ИМА баробар мебошад. Боиси тазаккур аст, ки аз соли 2005 инҷониб беқурбшавии пули миллӣ нисбати доллари ИМА тақрибан 353% ва болоравии сатҳи нархҳо (тavварум) бошад 132%-ро ташкил намудааст.

Дар баробаори ин, паҳншавии бемории сироятии коронавирус (COVID-19) ба самтҳои мухталифи иқтисодиёти ҷаҳон, аз ҷумла ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми бонкии он таъсири манфӣ расонида истодааст.

Бинобар ин, ҷиҳати ба роҳ мондани раванди паст кардани хавфҳои ҷойдошта ва пешгирии хавфҳои аз ҳад зиёди минбаъда, бо мақсади пешгирии тамоюли манфӣ ва дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани вазъи молиявии ташкилотҳои қарзӣ зиёд намудани сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис ва муқаррар намудани меъёри кифоятии сармояи асосӣ барои ташкилотҳои қарзии

амалкунанда ба мақсад мувофиқ буда, ҳимояи манфиатҳои амонатгузорону қарздеҳон ва таъмини суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назар гирифта шудааст.

Инчунин, ҷиҳати ба тавсияҳои Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ ва амалияи пешқадами байналмилалӣ мутобиқ намудани тартиби муайян кардани андозаи хавфи қарзии амалиётҳои СВОП ва Форвард, тартиби муайян намудани андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд ва дар баробари ин, пешгирии хавфи пардохтпазирӣ, баҳодиҳӣ ва коҳиш додани хавфҳои низом дар ташкилотҳои қарзии низомзсоз ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор пешбинӣ шудааст.

Қабули тағйиру иловаҳои мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагӣ талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он барои пурзӯр намудани заминаи сармоявии ташкилотҳои қарзӣ, баланд бардоштани рақобатнокии ташкилотҳои қарзии амалкунанда ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба онҳо, инчунин, пешгирии хавфҳои бонкӣ ва ба тавсияҳои Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ вобаста ба кифоятӣ ва сифати сармояи ташкилотҳои қарзӣ мутобиқ намудани талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи бонкӣ мусоидат менамояд.

Муовини Раис Толибзода Ф.Н.